# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович дар мавзӯи «Аносири жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф»» барои дарёфти уновони илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10. 01. 10. – Журналистика**

То имрӯз дар мавриди масъалаҳои мухталифи публитсистикаи тоҷик китобу рисола ва мақолаҳои зиёд ба нашр расидааст, вале мутолиаи фишурдаи диссертатсияи Атоев Муҳаммадиқбол, ки мавзӯъи ташаккули навъҳои жанрӣ дар публитсистикаи тоҷикро дар мисоли нахустрӯзномаи тоҷикӣ - «Бухорои шариф» фаро гирифтааст, собит мекунад, ки дар публитсистикаи миллӣ мавзӯъҳои таҳқиқнашуда кам нестанд. Рисолаи илмии М. Атоев низ ба ҳамин масъала дар огозгоҳи матбуоти тоҷикӣ ихтисос дода шуда, бинобар ин кори бомаврид ва муҳим ба шумор меояд.

Муалифи диссертатсия аслан анвои жанрҳои публитсистикаро дар рӯзномаи «Бухорои шариф» пажӯҳиш карда, бо такя ба пажӯҳишҳои мавҷуда дар ин мавзӯъ ба масъалаи зуҳури нашрияҳо дар муҳити Осиёи Марказӣ, иртиботи ҷомеа ба рӯзномаҷот, ташаккули андешаҳои нажодпарастонаи пантуркизм дар аморат ва бархӯрди он бар манфиатҳои таърихию фарҳангии миллати тоҷик диққат ҷалб менамояд. Ҳамчунин омилҳои пайдоиши нахустрӯзнома, рӯи нашр омадани «Бухорои шариф», вижагиҳои сохтории ин нашрия, мазмун ва моҳияти маводи рӯзнома, қолабҳои муайяни нашр, кори банду басти рӯзномасозӣ, махсусияти шаклгирии жанрҳо, қолаби муайяни эҷодӣ пайдо намудани матни рӯзнома, шумораҳои нашршуда ва нусхаҳои дастрасбудаи «Бухорои шариф», аз чоп мондани нашрия мавриди баҳс қарор дода шудааст. Дар рисола омилҳои калидии қатъи фаъолияти рӯзнома, ташаккули афкори навин дар муҳити Бухоро ва ҷанбаҳои дигари мактаби рӯзноманигории «Бухорои шариф» ба таҳқиқ омадаанд.

Мавзӯи мавриди таҳқиқ дар марҳилае, ки имрӯз воситаҳои иттилоот дар ҷамъият марҳила ба марҳила мақоми калидӣ касб менамоянд ва махсусан қолабҳои эҷодӣ такомулу таҳаввули бештаре ёфтанд, зарур ва муҳим мебошад.

Рисолаи илмӣ маҷмӯан аз муқаддима, ду боб, хулоса, феҳристи адабиёт ва замима таркиб ёфта аст. Муаллиф моҳият, вазифаҳо, манобеъ, навигариҳо, қиммати амалию назарӣ ва муҳимтарин масъалаҳое, ки барои дифоъ пешниҳод шудаанд дар муқаддимаи диссертатсия муайян намудааст.

Боби якуми диссертатсия **«Заминаҳои пайдоиши «Бухорои шариф» ва вижагиҳои сохтории он»** ном дошта, аз се фасл иборат мебошад, ки нигоҳи олимону пажӯҳишгарони дохилию хориҷиро дар бораи масъалаҳои муҳими ибтидои асри 20, заминаи пайдоиши рӯзнома, таъсис ва вижагиҳои шаклию ороиши нашрия, сабабҳои аз чоп мондан, шумораҳо, мазмуну муҳтаво ва таъсири маънавию эҷодии ин нашрияро дар бар гирифтааст. Диссертант чопи нашрия бо забони миллии мардуми бумии Аморати Бухороро ба ташаккули афкори миллии тоҷикӣ дар ибтидои асри 20 рабт дода, рӯзномаро мудофеи арзишҳо ва манофеи миллӣ шуморидааст.

Боби дувуми рисола, ки **«Ташаккули жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф»** унвон гирифтааст, низ аз се фасл иборат мебошад. Дар ин боб жанрҳои хабарӣ, қолабҳои иттилоотӣ, сарчашмаҳои хабарии рӯзнома, ташаккули жанрии хабару гузориш, зуҳури унсурҳои жанри мусоҳиба, пайдоиш ва ташаккули жанрҳои таҳлилии матбуот, аз ҷумла мухбирнома, мақола ва мактубро ба риштаи таҳқиқ гирифта шудааст. М. Атоев муайян кардааст, ки жанрҳои таҳлилӣ дар қиёс ба дигар жанрҳои публитсистӣ дар «Бухорои шариф» мақоми вижа дошта, ҳадафҳи ғоявии муассисон ва муаллифон дар қолаби ин жанрҳо ифода ёфтааст. Ҳамчунин хосияи жанрҳои публитсистию бадеӣ низ баррасӣ шуда, матнҳои дорои махсусияти публитсистӣ-бадеӣ дар се

шакл: ибора ва ташбеҳоти бадеӣ; лавҳа, фелетон ва тарҷумаҳои осори адабӣ; шеърҳои публитсистӣ ё иҷтимоӣ муайян гардидаанд.

Фишурдаи диссертатсияи Атоев Муҳаммадиқбол собит менамояд, ки ӯ барои ноил гардидан ба натиҷаи мушаххаси илмӣ авзои сиёсию иҷтимоӣ, фарҳангию иқтисодӣ ва маънавии замонро омӯхта, усули қиёси фактҳо ва мантиқи илмиро дар авлавияти пажӯҳиш қарор додааст.

Бояд таъкид намуд, ки диссертатсия дар баробари дастовардҳо аз ғалатҳои истилоҳотӣ, имлоӣ ва техникӣ орӣ нест, ки онҳо арзиши илмии рисоларо коҳиш намедиҳанд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович кори анҷомшуда аст ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.10. – Журналистика мувофиқ мебошад.

**Номзади илмҳои филологӣ, дотсент,**
**ходими пешбари илмии Институти забон**
**ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Абдухолиқ Набиев**

**Нишонии муассиса:**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,**
**хиёбони А. Рӯдакӣ – 21.**
**Тел. кор: (+992-37) 227 11 71;**
**моб: (+992 93) 508-46-08.**
**Нишонии саҳифаи расмӣ:**
**email: anabavi46@mail.ru**

**“Имзои А. Набиевро тасдиқ мекунам”**
**Сардори шуъбаи кадр ва коргузории**
**Институти забон ва адабиёти**
**ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Нарзиқулова Ҳилола**

ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКИИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО